ФАРЗОНА



САДУ ЯК ҒАЗАЛ

ФАРЗОНА

САДУ ЯК ҒАЗАЛ

Душанбе
«Ирфон»
2011

Саду як ғазал

ББК 80.5-200
Ф – 90

Муҳаррир *А.Мусоев*

Мураттиб: Доктори илмҳои филологӣ,
Хоҷаева М.Ю.

Фарзона
Ф – 90 Саду як ғазал. – Душанбе: «Ирфон», 2011, 104 саҳ.

Шояд дар байни шоирони насли нав ва ҷавони тоҷик Фарзона машҳуртарин чеҳраи адабӣ бошад. Ҳамеша ин як асл нест, ки машҳуртаринҳо беҳтаринҳо бошанд, аммо дар мавриди Фарзона ба шаҳодати осори хубу навовариҳояш ин асл воқеият дорад ва Фарзона яке аз пурфурӯғтарин чеҳраҳои адабии муосири Тоҷикистон аст. Фарзона илова бар он, ки дар Тоҷикистон чеҳраи машҳурест ва ҳатто алорағми ҷавонӣ ҷавоизи мӯътабари кишвари Тоҷикистонро ҳам ба даст овардааст, шоири мутавозеъ низ ҳаст. Ӯ дар хонаводаи адиб парвариш ёфтааст ва ҳамсараш низ аз шоирони хубу навгарои Тоҷикистон мебошад.

...Дар мавриди Фарзона бояд гуфт, ки забони ӯ беш аз ҳар шоире таҳти таъсири шӯридагиҳои Мавлоно ва ғазалиёти Шамс аст. Шояд ин нуктаро дар ин абёт рӯшантар битавон дид:

Аз қолабам барояму хоҳам, ки ҷон шавам
Ворастатар зи қофилаи лӯлиён шавам...

* * *

То ҳамчу най зи магзи ҷигар нола даркашам,
Бояд зи пӯст бигзараму устухон шавам.

4700000000 - 77
Ф ---------- - 2011 **ББК 80.5-200**
М 501 (12) - 2011

ISBN 978-99947-0-334-0

© Фарзона, 2011

ВАХШ
ба номи С. АЙНӢ

712069

Аждаҳо шуд ғами ман, то зи дарун хӯрд маро,
Оби оина чу гирдоби бало бурд маро.
Хурд шуд, хурд шуду тӯъмаи тимсоҳе гашт,
Офтоби қафаси сина, ки пажмурд маро.
Ғурбати сардаму танҳоии бепоёнам,
Дӯстиҳои абас бештар озурд маро.
Рашки сад оина будам ба таҷаллорезӣ,
Дасти заигори касе омаду бистурд маро.
Он азизе, ки ба ман нақди амонат бахшид,
Қасди бистондан агар дошт, чӣ биспурд маро?
Аз гулӯ хун бичаконидду ба побӯси ту рафт,
Шамъи сурхе, ки шаби фурқати ту мурд маро.

Боғ омода ба тақлили баҳор аст, биё
Дар раги барг сабо набзшумор аст, биё.
Осмон омаду дар ҷӯ тани урёнро шуст,
Ёди ман ёди туро оинадор аст, биё.
Кӯшиши лок дар ин нохуни беҳавсала чист,
Нохуни субҳи ҳинобаста нигор аст, биё.
Дӯст, рафтиву нагуфтӣ, сабаби қаҳр чӣ буд,
Бо туям бори дигар гуфту гузор аст, биё.
Ишқ дарбаста ба ман буду кунун аз сари лутф
Телефун зад ба ману гуфт, ки кор аст, биё.
Чашми ваҳшии туям дод паёми Маҷнун,
То дар абрӯи камон шавқи шикор аст, биё.
Охир, эй ишқ, биё, сабки ҷадидам омӯз,
Дар дили кӯҳнаи ман нағмаи пор аст, биё!

Худкушӣ ҳам осон аст аз худофариниҳо,
Боядам раҳе бикшод аз гираҳҷабиниҳо.
Одиву заминиям байни осмониён,
Осмониям, оре, байни ин заминиҳо.
Партави дарунафрӯз, баски ҳеч пайдо нест,
Дар салони зебоӣ асли нозаниниҳо.
Лай-лаи суруру базм в-ин даводави беназм
Мебарад маро охир сӯи чиллашиниҳо.
Пайки гул намеояд бар тиҳигаҳи гулдон,
Пушти ёд мемонад фасли ёсаминиҳо.
Аз миёни суратҳо чеҳраи шакарханде
Боғ-боғ менозад ғарқи ангубиниҳо.
Эй ба бадгилӣ бадном, дар ту ҳусн мечӯям,
Чашми ман намуд оғоз сабки нағзбиниҳо.
Боз ҳам башорат деҳ, гарчӣ бо мурури вақт
Фарбеҳӣ шуду пучӣ як чаман маҳиниҳо.
Ҳолиё напажмурда лолаи ниҳони дил,
Ҳолиё ту ҳам дорӣ завқи лолачиниҳо.

Дилам хун, дилам хун, дилам хун, Худоё,
Худоё, мадад кун, мадад кун, Худоё.
Магар чашми кач дорам ин ки бидидам
Фалакро чу токии ворун, Худоё.
На ман меравам андар ин рохи нохох,
Касеям кашонад ба афсун, Худоё.
Тулуе бидех охирин ғунчаамро
Дар ин фасли шодоби гулгун, Худоё.
Чу тасвири дардам, ки хохам бирони
Аз оинахона ба берун, Худоё.
Бимон субх бошам, ки бо нури пар-пар
Занам бар шабистон шабихун, Худоё.
Бимон, чашми ман пар барорад зи шоди
Зи дидори ёри хумоюн, Худоё.
Дар ин олами садкабову бараҳна
Бигу, чун бибошам, бигу, чун, Худоё.

Рафтем, биёмезем бо вусъати нопайдо,
Бо олиҳаи хуршед, бо роиҳаи саҳро.
Хуршед, шабехун зан бар ғори ғариби ман,
Фатҳи мани одӣ кун, эй аз ҳама беҳамто.
Дар дидаи охурбин дирӯзаму мозиям,
Дар дидаи охирбин фардояму пасфардо.
Кибрам ҳама аз аҷз аст, инкори ман аз иқрор,
Яъне, ки ниёзам ман дар пардаи истиғно.
Бо қавм напаймояд, бо хеш наосояд
Ин ҷавҳари беқолаб, в – ин қолаби бемаъно.
Ман қитъаи ҳафтумам, эй қитъакушои ишқ,
Бикшо, ту маро бикшо, паймо, ту маро паймо.

Саду як ғазал

Мекунам таҳнияти тозаи милод туро,
Меравам, то зи ҳузурам кунам озод туро.
Ҳикмате дошт, ки ман фаҳм накардам зи нахуст,
К-аз чӣ бар қисмати ман дӯст фиристод туро.
Дили гумраҳ, ки лагадкӯби ҳаводис шудаӣ,
Шукр гӯ, шукр, ки ӯ медиҳад иршод туро.
Ҳама тарки ту намуданду як ӯ ёри ту монд,
Ӯ, ки пайдову ниҳон панҷара бикшод туро.
Шеър бо омадану н-омадани зебояш
Раҳ ба раҳ кушт туро в-аз сари нав зод туро.

Парда туӣ, роз туӣ, эй ҳабиб,
Парда фитад, боз туӣ, эй ҳабиб.
Номи ту бигрифтаму боло шудам,
Матлаъи парвоз туӣ, эй ҳабиб.
Ишқ туӣ, ишқ туӣ, ишқ ту,
Ишқи ҷаҳонсоз туӣ, эй ҳабиб.
Оинаам, оинаам, оина,
Оинапардоз туӣ, эй ҳабиб.
Қулф зад аз сардии шаб гӯши ман,
Гармии овоз туӣ, эй ҳабиб.
Косаи чашмам, ки пур аз об шуд,
Пири дамандоз туӣ, эй ҳабиб.
Нест ба ғайри ту касе, нест, нест,
Боз туӣ, боз туӣ, эй ҳабиб.

Бар наҷоти ман садоятро фирист,
Ҷазбаи одамрабоятро фирист.
Раҳ кушо бар гумраҳони бечароғ,
Кавкаби фардонамоятро фирист.
Ҷӯйборам, бар таяммум карданам
Марҳамат кун, ғарди поятро фирист.
Эй нигоҳат номаи тамдиди субҳ,
Номаҳоят, номаҳоятро фирист.
Дағлаам, берун зи соҳил медамам,
Баҳри таскинам қабоятро фирист.
Мағфират кун ин гунаҳтаркибро,
Раҳмати бемунтаҳоятро фирист.
Ишқ гуфтам дар лағанзори касиф,
Ёр, ишқи кибриёятро фирист.
Гарчи бепосух нишинӣ дар фалак,
Чуни чуни ман, чароятро фирист.

Булбул, ки кард ҳичрат, гул ноздонаи кист,
Булбул забон бурида, савсан забонаи кист.
Дар нӯҳ фалак садо зад фарёди бечавобам,
К-он ошнои рафта дар ошёнаи кист.
Он шамъи анҷумафрӯз, он офтоби Наврӯз
Шодии рӯшани кӣ, нозу баҳонаи кист.
Аз хонақоҳи боло бонги паёпай ояд,
Хуршеди арғувонӣ оби муғонаи кист.
Эй пирзоли гардун, худро мазан ба гӯлӣ,
Захме, ки хӯрдаам ман, аз тозиёнаи кист.
Моро ба лутф бинвоз, қудсошёнаи ман,
Ин осмони нуҳту дар рӯи шонаи кист.
Шаб номаест манзум аз ҳарфҳои анҷум,
Оҳ, ин таронаи кӣ, оҳ, ин таронаи кист?!

Дили ман чоркитоби ишқ аст,
Хоку бод, оташу оби ишқ аст.
Дили ман рутбаи аршӣ дорад,
Моҳу хуршеду саҳоби ишқ аст.
Таҳ ба таҳ сахт муҳаббатхоҳ аст,
Раҳ ба раҳ сахт қимоби ишқ аст.
Мурду аз мурда батар шуд ҳама умр,
Боз ҷӯёи азоби ишқ аст.
Нозад аз мартабаи олии худ,
Ин ки бонуи ҷаноби ишқ аст.
Он чӣ аз ғайб ба ӯ меояд,
На суол аст, хитоби ишқ аст.
Ишқро бо чӣ тавонад пардохт,
Ки фақат ишқ ҷавоби ишқ аст.

Ӯст феҳрасту сарҷаридаи илм,
Ӯст бунёди ҷуду мояи ҳилм.
Саноӣ

Диле овар, ки чун дарё булӯрист,
Садояш муждаи гулҳои сурист.
Чунин дилро дили ман мешиносад,
Дили поки Муҳаммадҷон Шакурист.
Таҳаммулҳои айюбонаи ӯ
Бигӯяд: маънии мардӣ- сабурист.
Ба сар ӯро табар омад зи шаш сӯ,
Нашуд бибрида, зеро нахли турист.
Гирифторем бар он ҷазби содиқ,
Ки ғайбаш пеши мо фарруххузурист.
Чӣ бемисласт ин фархундатаркиб,
Ба симо одаму бар хулқ нурист.

Саду як ғазал

Ҷаҳон зи шамси ту анвор чидааст, эй дӯст,
Шарофати ту ба ман ҳам расидааст, эй дӯст.
Туи ягонатаринро дар ин мукарраргоҳ
Худо ба шодии мо офаридааст, эй дӯст.
Дили бузурги ту, эй маъмани ягонаи ишқ,
Ба эҳтироми дили кӣ тапидааст, эй дӯст.
Сипоси чашми ту гӯям, ки бо зуҷоҷи ғайб
Маро чунон, ки манам, нек дидааст, эй дӯст.
Ғулувв нест, ки субҳи наҷоти сактараҳон
Аз он ҷабини мушашаъ дамидааст, эй дӯст.
Муборакисму ҳумоюннасаб, ки омадаӣ,
Барои сабти ту дилҳо ҷаридааст, эй дӯст.
Сухан зи маҳди ту гуфтам, зи мадҳ лаб бастам,
Магӯ, ки ин ғазали ман қасидааст, эй дӯст.

Саҳар бигӯ, ки чаро сурх шуд баногӯшат,
Ба толеи ту, ки хуршед шуд ҳамоғӯшат.
Нишоти ёсумании баҳор мебахшад
Таровати нафаси кӯчаҳои гулпӯшат.
Аё ҳаёт, туро чун пиёлаи пурмай
Ба даст дораму боре накардаам нӯшат.
Бигӯ ба ёр, ки донистаам, ки барпо шуд
Чӣ мадду ҷазри наве дар дили ҳавасҷӯшат.
Ҳазор абр гиристам, такон нахӯрд, нахӯрд
Ба зери шонаи чап хорасанги хомӯшат.
Дигар ниёз надорад дили вафокешам
Ба зулмҳои навини дили ҷафокӯшат.
Ба иштибоҳ туро соҳиби дилам хондам,
Аз ин вазифаи зебо кунам сабукдӯшат.
Ба ҳаққи он, ки туро сахт ёд мекардам,
Қасам, ки саҳлу сабук мекунам фаромӯшат.

ОТОБХОН
ба номи С АЙНИ

Саду як ғазал

Гардун, ки дод фурсати некинисорият,
Дорад кунун назораи фурсатшуморият.
Умрат хучаста бод, ки некӣ ниҳодааст,
Мӯҳри абад ба рӯзу шабони фирорият.
Гул дар мазори дӯст ниҳодан чӣ ҳоҷат аст,
Хуш он ки гоҳи умр биёяд ба ёрият.
Мо дидаем дӯстнавозии ростин,
Дар зиндагӣ ба рӯи раҳаш дилгузорият.
Бо рӯдҳои рӯшани ботиннамо чу арш
Пинҳон накун, ки фош бишуд ҳамтаборият.
Гуфтори некро, ки таҳи кафши вақт буд,
Берун кашид ҳиммати болобарорият.
Имрӯз агар савораи пешин пиёда шуд,
Гул бурдаӣ ба он ки ҳамедод хорият.
Пушти қафас чӣ нола занад мурғи қудсият,
Бо тирагӣ чиҳод кунад беғуборият.
Одам кам аст, одамаконанд ин ҳама,
Натвон гирифт рутбаи Одам ба орият.
Арзандатар зи рутбаи одам мақом нест,
Шоистаӣ ба ин насаби ифтихорият.
Тақвим бо вазидани айём барг рехт,
Бе баргрез бод вуҷуди баҳорият.
Дунёву одамони варо бахш, эй бузург,
Бе посух аст гар ҳамаи дӯстдориат.

Осмон дар чашми ман чун мармари гӯр аст сард,
Як кабӯтар мекунад қум-қум зи боми лоҷвард.
Бе ту рафтам, бе ту рафтан чист, тафсире биёр,
В-ин давоми роҳро ҳам бе ту мебояд сипард.
Рӯди каҷрафтор менолад, ки поям зад ба санг,
Лаззати лағзиш намедонам мани ҳамворгард.
Ин садои чист, эй огаҳ зи ранҷи бохтан?
Гиряҳои як гули хушкида дар авроқи зард.
Зиндагӣ ҷанги вуҷуди мост бо теғи завол,
То ба пирӯзии кӣ анҷом ёбад ин набард.
Гар ба каф гирам дили садсолаамро, бишнавам,
Ҳолиё ҳам ҳаст, оре , ҷунбиши ширини дард.
Чун гурезам аз ҳуҷуми ғафлату беҳудагӣ,
Дӯстии бод бо боғи ҷавон, дидӣ, чӣ кард.
Лоиқи пои азизат остоне доштам,
Шабнами моро намепаймоӣ, эй дарёнавард.
Инак, эй Дил, бояд аз нав иштиёқи ишқ ёфт,
Инак, эй Хуршед, бояд интишори нур кард.
Меравам, ашки ятимамро ба пешат мебарам,
Бар қабули нозуки ман, эй фалак, мебош мард.

Он сӯи баҳор ғунчае танҳо монд,
Дар соиди ҷӯ шамимаи наъно монд.
Дар ҳошияи баҳорҳо, эй гули сурх,
Ҳастии ману ту сахт бемаъно монд.
Заврақчаи коғазии тифлонаи мо
Дар аввали ҷӯ нарафта то дарё монд.
Бисёр нузул карду бисёр уруҷ,
Андешаи бастаам, ки бемаҷро монд.
Дил ях шуду боз ҳам тапишҳо дорад
Монанди касе, ки мурду чашмаш во монд.
Дар ҳар тапишаш ҳазору як сакта навишт,
Дил бехабар аз қоидаи имло монд.
Гулбоди шабоб тунду ширин бигзашт,
Дар хотири отирам пайи хоно монд.
Ишқ омаду рафту чун паёми сармад
Дар дафтари ман мӯҳри гули мино монд.

Аввали баҳор омад, фасли яъс поён шуд,
Яъсро гузор, эй дил, ёс атргардон шуд.
Офтоби зардуштӣ берун омад аз ғоре,
Чиллашини дарбаста дар миёни майдон шуд.
Чеҳраи азизи ту, эй ҳабиби рӯҳонӣ,
Бештар таҷаллӣ рехт он қадар, ки пинҳон шуд.
Осмон ба тан пӯшид атласи камону тир,
Қалби садқабои ман рахт канду урён шуд.
Кист, кист он якто, он ки ҳаҷри бетаркаш
Ҳамтаронаи дил шуд, ҳамсаодати ҷон шуд.
Чун рамид нури ғайб, хубии ту зиштӣ гашт,
Чун расид нури ғайб, хира ҳам дурахшон шуд.
Мезанад дили мастам бар дари фалак тақ-тақ,
Ӯ, ки бо маҳу анҷум даст бар гиребон шуд.
Дар раҳи маҷозу асл ҷустуҷӯи худ кардем,
Ҳар касе Худоро ёфт, оқибат ҳам Инсон шуд.
То расид пайки ту, эй зи ишқ зеботар,
Қалби субҳҳоҳи ман боз субҳагардон шуд.

Бар хок, ба гул, ба хор савганд,
Бар панҷу шашу чаҳор савганд.
Бар сиву се мӯҳраи дурахшон
Бо номи азизи ёр савганд.
Моем чу субҳи субҳагардон
Шабнамкадаи нигор, савганд.
Хушбахттарин каси ҷаҳонам,
Бар реши дили фигор савганд.
Бар ҳурмати чашми ту шудам сабз
Бар омадани баҳор савганд.
Имрӯзи ману ҳамешаи ман,
Бошӣ, ба пареру пор савганд.
Бовар накунӣ ба ҳарфҳоям,
Гарчӣ бикунам қатор савганд.
Дар байни ману ту, эй ягона,
Соқит шуд аз эътибор савганд.
Бе ҳеҷ қасам ту асли ишқӣ,
Ҷоно, ба суе гузор савганд.
Бо номи ту мурдаму намурдам,
Савганд, ҳазор бор савганд.

То аз вуҷуди сабзи ту пайғом мерасад,
Барномаи баҳор ба анҷом мерасад.
Беишқ будан аст, дигар ҳеч, ҳеч, ҳеч,
Гарде, ки бар фариштаи бадном мерасад.
Чашмони андалеб, Худо хоҳад, ин баҳор
Бар шодбодии гули бодом мерасад.
Рӯзи азои ишқ – расидан ба васли туст,
Рӯзе, ки интизор ба фарҷом мерасад.
Пайдо намекунад асари он ҳабибро
Он корвони ишқ, ки аз Шом мерасад.
Рӯҳи саҳар тавофи гули сурх мекунад
Рӯҳе, ки бар ҳақиқати ислом мерасад.
Тилфон хамӯшу бар дили уммедвори ман
Хомӯшияш чу номаи эъдом мерасад.
Бар ёдам омад ин ки бигӯям: Салом, ишқ,
Акнун, ки субҳ мераваду шом мерасад.

Саду як ғазал

Тарона хостӣ аз ман, тарона охир шуд,
Барои тоза сурудан баҳона охир шуд.
Чу дод хусрави урдибиҳишт истеъфо,
Тахайюлоти сапеди ҷавона охир шуд.
Дар ин шикан- шикани баргҳои обонмоҳ
Баҳорҷӯши дили шоирона охир шуд.
Фусурд ҳавсалаи ман дар аввали кӯча,
Кучо равам, ки раҳи бекарона охир шуд.
Чаро дигар сухани гавҳарӣ намегӯям,
Ҳар он чӣ буд, фишондам, хизона охир шуд.
Анори сурхи шафақ ҳам ғуруб кард охир,
Анори сурхи дилам дона- дона охир шуд.
Магӯ, зи сифр биё, зиндагӣ кунем оғоз,
Ҳамаш гузашт, азизам, фасона охир шуд.
Шикаст мантиқи дунё пас аз ҷанозаи ишқ,
Наёмадӣ туву умри тарона охир шуд.

Чанд бисмил будан, эй дил, бояд аз нав боз шуд,
Чун ту бисмиллоҳ гуфтӣ, хотима оғоз шуд.
Пирии мо чист, оғози ҷавонии нав аст,
Боядат навҷодаву навсабку фардосоз шуд.
Ҳар сулулам бо сулулат ёфт хушбахтии васл,
Рӯҳи ман бо рӯҳи ту, эй субҳ, ҳампарвоз шуд.
Бохабар шав, то ту ҳам ҳар авҷпарвози тиҳӣ
Ҳар қадар то осмон ҳам рафт, хокандоз шуд.
То садои исавии ту расид, эй сабзчашм,
Ғунчаи сурхе, ки пушти парда дорам, боз шуд.

«Дер шуд»-ро «ҳанӯз» хоҳам кард,
Маргро зодрӯз хоҳам кард.
То ба кай дар ғубори беамалӣ
Маҳви шаб, қатли рӯз хоҳам кард?
Зиндагӣ сӯзу сози нав хоҳад,
Нав ба нав созу сӯз хоҳам кард.
Ҳар куҷо бингарӣ, диле чок аст,
Кори сад васладӯз хоҳам кард.
Нӯҳ фалак дӯшбори пирон аст,
Бӯса бар пушти кӯз хоҳам кард.
Ман туро, шеър, эй ҳамешатарин,
Пайки фардофурӯз хоҳам кард.

Рафтанат чашми маро бар зиндагонӣ боз кард,
Ҳар қадар ҳам қиссаро фарҷом дод, оғоз кард.
Монд бо ман ёди чашми улвии зебопазир,
Ёди чашмоне, ки чашмони маро овоз кард.
Нозбардорон ҳама рафтанд бар фирдавси қудс,
Гул, ки бе таҳрики булбул монд, тарки ноз кард.
Охирин хонандаи розам ба рози ҳақ расид,
Ман чӣ гӯям, ҳарф натвонад маро иброз кард.
Он қадар бар умқи худ рафтӣ, ки нопайдо шудӣ,
Рафтанатро мешавад бо офтоб анбоз кард?
Шарм н-омад дасти беимони чархи пирро,
З-ин вуҷуди осмоние, ки хокандоз кард.
Ноаён дар шохаи ҷонам нишеман карда буд,
Дигар аз ин ошён натвонад ӯ парвоз кард.

Саду як ғазал

Мутриби обон муноҷоти ҳазонро менавозад,
Ин ҷарас савти гузашти корвонро менавозад.
Абр ҳам ҳоло бирешим метанад бо суръати тунд,
Ин бирешим рафтани умри равонро менавозад.
Сим баркан, чаҳ-чаҳи тилфон паёми васл н-орад,
Ҳаҷри ту симфониёи ҷовидонро менавозад.
Модари ман менависад номаи фарҳанги гулҳо,
Бостонӣ нест ӯ, чун бӯстонро менавозад.
Пирии ӯ гулфишонтар аз ҷавонии ману мост,
Дар дилаш сад орзу зарби ҷавонро менавозад.
Рӯҳро густурда бояд дошт баҳри мақдами дӯст,
Бехабар меояд он ҷоне, ки ҷонро менавозад.
Мекунам аз гунбади гардун азони ишқ ирсол,
Пештар аз он ки ҷисмам хокдонро менавозад.

Нури ту бар ҷаҳони ман мерасаду намерасад,
Бар ҳарами ниҳони ман мерасаду намерасад.
Нолаи гармҷӯши дил, валвалаи хамӯши дил
То ту, ай осмони ман, мерасаду намерасад.
Сӯзи туву мақоми ту, пайки туву саломи ту
Бар найи устухони ман мерасаду намерасад,
Дил чу гулест барг-барг аз дами жолаву тагарг,
Исии меҳрубони ман мерасаду намерасад.
Қуфл задаст гӯши ман, дар бизан, эй сурӯши ман,
Тақ-тақи ту ба ҷони ман мерасаду намерасад.
Шеър чу ваҳйнома аст, аз нафасаш шамома аст,
Қосиди ростини ман мерасаду намерасад.
Мерасаду намерасад номаи ман ба номи ту,
Номаи бебаёни ман мерасаду намерасад.

Як дона куфр хирмани имон ба бод дод,
Бар одами фирефта шайтон чӣ ёд дод.
Дерест дар муҳосираи зулмати худам,
Зангор омад, оинаро кард бесавод.
Як ҷуръа ҳам зи бодаи ҳастӣ нахӯрдаем,
Бо он ки гуфтаем фақат ҳарфи нӯшбод.
Дирӯз аз наомаданаш дод мезадам,
Омад кунун, зи омаданаш низ дод, дод.
Дар санҷиши нахуст бияфтоду пош хӯрд,
Ҳар кас ки ҷуз ту бо дигаре баст иттиҳод.
Вирди шабу сабӯҳи манӣ, эй се ҳарфи рамз,
Бифрист укдаҳои маро муждаи кушод.

Биё ба куштани кобус, эй азони саҳар,
Ба мағзҳои шаболуда рӯшанӣ густар.
Ба ман иҷозаи рафтан биёр то Ландан,
Дуруд бар ту, аё қосиди фурӯзонфар.
Бигуфт муршиди ман: Эй равонаи Мағриб,
Ба кӯлбор бинеҳ офтоброву бибар.
Чун офтоб нашуд чокари мусаллами ӯ,
Дар он ҷазираи абрист ранги хокистар.
Бале, сипос туро, муршиди ҳумоюнфол,
Ки медиҳӣ ба мани раҳнишин дуои сафар.
Надод шарқ вузӯям дар обшори шафақ,
Чӣ сон шавам таҳи бороні ғарб тозаву тар.
Тулӯъи тоза набахшад тамаддуни мағриб
Ба ман, ба он ки ғурубидааст дар ховар.
Маро зи дидани фисқу риё таҳорати чашм
Шикастааст,барои вузӯям об овар.
Биёр лолаи иффат зи қуллаи имон,
Биёр оби таҳорат зи чашмаи бовар.
Миёни машриқу мағриб намениҳам сарҳад,
Ки як замини Худо ҳаст ин чаҳони дудар.
Ба ишқ ғӯй, ки девор аз миён бардор,
Биё чу Исии рафта ба шодбоши башар.
Ай одамони сапеду сиёҳу сурху кабуд,
Ҳучаста бод ба сад шакл ваҳдати ҷавҳар.
Муроди ман зи сафар хешро шинохтан аст,
Сӯи ҳақиқати худ мекунам сулуки дигар.

Бемор нашав, модар, бемор нашав, модар,
Нагзор, маро нагзар, бемор нашав, модар.
Бардор сар аз болин, аз қулла шуъо барчин,
Хуршеди фурӯзонфар, бемор нашав, модар.
Бар шодии қоқуҳо, бар ҳурмати ҳулбӯҳо,
Бар хотири нилуфар, бемор нашав, модар.
Аз синаи чоки ман бемор шавӣ, афтад
Ёқут ба хокистар, бемор нашав, модар.
Бо қавм кунам пархош, бо хеш кунам пайкор,
Мебош маро довар, бемор нашав, модар.
Эй субҳи тулӯъи дил дар зулмати обу гил,
Бахшо ба ҷаҳон ҷавҳар, бемор нашав, модар.
Эй нусрати раббонӣ, эй қуллаи инсонӣ,
В-аз ин ҳама болотар, бемор нашав, модар.
Эй Марями беисӣ, моем ҳама осӣ,
Поло ҳамаро аз сар, бемор нашав, модар.
Бар ҷомеаи бемор, бар миллати бетӯмор
Фатвои наҷот овар, бемор нашав, модар.

Парвардигор, ёри маро дар паноҳ дор,
Ои гурди шаҳсувори маро дар паноҳ дор.
Меҳри сафар гузиду бароям ғам офарид,
Ғамофаридагори маро дар паноҳ дор.
Аз қуллаи ғурур ба поям ҳамефитод,
Дарёи кӯҳсори маро дар паноҳ дор.
Рустоизодае ба дилам шаҳриёр шуд,
Эй ишқ, шаҳриёри маро дар паноҳ дор.
Гирён чу порсо буду қаҳ-қаҳзанон чу ринд,
Сӯфии майгусори маро дар паноҳ дор.
Он чун ситора дури маро нури тоза деҳ,
Ин хоки бешарори маро дар паноҳ дор.

Саду як ғазал

Субҳро карданд дар ман ихтисор
Ҳамраҳони кофари зулматнисор.
Бо ҳақирон шину хезе доштам,
В-аз ҳақорат рехтам дар худ ғубор.
Ҳой ҷон, хуршедро таҷдид кун,
Ҳой дил, баргард бар самти баҳор.
Шаш ҷиҳат ғарқ аст дар дуди туман,
Осмон ҳам мекашад аз ғам сигор.
То ҳақиқат дар таҳи кафши риёст,
Бар наҷоти ӯ шитоб, эй раҳгузор,
Як-ду абрешим фаротар мезанем,
Ишқ, бо ман нағмаи улвӣ барор.
Мебурам аз ҳалқаи бемоягон,
Меравам то худ аз ин беҳудазор.
Мебурам аз фикрҳои бевузӯ,
В-аз шаку тардидҳои ҳақфишор.
Эй суханҳои тароватбохта,
Вожаҳои кӯзпушти сӯгвор.
Ҳарфҳо – беробту аз ҳам рехта,
Шеваҳо - пасмондаи перору пор.
Шеър меъроҷ аст, на афтодагӣ,
Ишқ- парвоз аст, на хоки мазор.
Рӯҳи ман, бори дигар гӯ, ассалом
Бар сухан, бар нур, бар боло, ба ёр!
Бар нишонии кӣ бифристам туро,
Эй дил, эй дил, номаи ноинтишор.

Шамими ишқ меояд зи себистони субҳоғӯш,
Шафақ дар шохи миноӣ шакарсебест атласпӯш.
Шаби дӯшин нигаҳ кардам, ки дар гулгашти маҳтобӣ
Фалак ҳам як сабад себи ситора мебарад дар дӯш.
Ба чашмони ту маъмулист ҳар чизи муқаддас ҳам,
Дили ман себи одӣ нест, ин ёқутро мафрӯш.
Надонистӣ, ки бе заҳмат шудӣ бо офтоб анбоз,
Нафаҳмидӣ, ки бе рухсат майи хуршед кардӣ нӯш.
Ҷавонмардӣ чӣ мехоҳам, зи дунони муханнасрӯҳ,
Мусалмонӣ чӣ мечӯям зи холигоҳи кофарҷӯш.
Агар бечора ҳам бошам, ба дӯшам ин рисолат ҳаст:
Ба оҳи дардмандон гӯш додан, гӯш додан, гӯш.
Хиёнат кард саркӯбат, риё аз пушт зад чӯбат,
Дили ман, мурда ҳам бошӣ, бизӣ, фардо бисоз аз дӯш.
Ҷавонӣ рафт, эй тӯфонхурӯҷи ишқи бепосух,
Биё, хомӯш шав, хомӯш шав. На, на, машав хомӯш.

Зебост бо тасаввури васлат шаби фироқ,
Аз бӯсаи хаёли ту сӯзад лаби фироқ.
Бе ту шабам ручӯи сиёҳии мутлақ аст,
Бар ман ҳамеша шаъшаа зан, кавкаби фироқ!
Шаб набзи беқарори маро гӯш мекунад,
Симобро уруҷ бубахшад таби фироқ.
Завқе, ки дар фироқ бувад, дар висол нест,
Болотар аз висол бувад машраби фироқ.
Мақсудам аз фироқ таманнои васл нест,
Тамдиди ишқи туст ҳама матлаби фироқ.
Номи ту бурдаму гираҳи кор боз шуд,
Шабро расонд то ба саҳар ё раби фироқ.
Дар рӯзгори наҳзати азҳоби мухталиф
Чун одами қадимаам аз мазҳаби фироқ.
Ҳам ашк мефишонаму ҳам ханда мезанам
Дар рӯзи занги хотимаи мактаби фироқ.

Сад бор ҳам навиштам гар сӯгномаи ишқ,
Ин сӯгномаҳоро бишнос идомаи ишқ.
Чун иҷтимову дардаш рӯҳи маро фалаҷ кард,
Гуфтам наменависам дигар чакомаи ишқ.
Аммо чӣ созам он дӯст, оне, ки ишқ як Ӯст,
Рӯзи азал ба дастам додаст хомаи ишқ.
Имони мурдаи ман дар батни хок ҷунбад,
Вақте баҳор пӯшад сабзинаҷомаи ишқ.
Васли маро чӣ ҷӯӣ, ин талхкома бигзор,
Ҳаҷри маро талаб кун чун шаҳдкомаи ишқ.
Фарҳанги сурхи дилро аз токи синаат гир,
Сабт аст, сабт он ҷо тафсири номаи ишқ.
Фарҳанги сурх бикшо, фарҳанги сабзро пӯш,
Шеъри маро бихонӣ чун аксиомаи ишқ.

Саду як ғазал

Гузашт давраи ман гуфтанат, наноз, эй дил,
Чу нозпарвари як кас най, наёз, эй дил.
Хатост, ҳукми ман, оре, ту бо яке нозӣ,
Ба дигарон набувад ҳаргизат ниёз, эй дил.
Ба ғайри ишқ, ки бар ту ҳамеша содиқ монд,
Дигар кият диҳад ин қадр имтиёз, эй дил.
Биё, ки аслтар аз асл як туӣ, эй ишқ,
Хуҷаста бод туро ишқи бемаҷоз, эй дил.
Ту ҳам замона, ки нав шуд, каломи тоза биёр,
Фасонаҳои куҳанро накун дароз, эй дил.
Ба сурма гарчӣ таяммум кунад ҳазорон бор,
Рамузи куфр диҳад чашми бенамоз, эй дил.
Барои он, ки дилаш мазҳари ҳақиқат шуд,
Як аст роҳи Фарангу раҳи Ҳиҷоз, эй дил.
Тамоми умр тапишномаи ту ҷамъ намуд,
Пизишки дил шавад охир баёзсоз, эй дил.
Чу нонавохта торест қалби ғафлатманд,
Дар он бирешими ноҷӯр ҳам навоз, эй дил.
Ҳуруфро, ки бувад устухони хушки майит,
Бихон дуои масеҳиву зинда соз, эй дил.
Ба шукри шеър, ба ҳаққи Худо, ба ҳурмати Ишқ
Тапиш бикун, тапиши тоза, боз, боз эй дил!

Аз лаҳза то ҳамеша роҳи гузар надорам,
Эй бесуроға, то ту хатти сафар надорам.
Гуфтам туро ба шиква: Аз ман хабар надорӣ,
Асли ҳақиқат ин аст: аз худ хабар надорам.
Чун ҷӯи пушти хона холиям аз тарона,
Маҷрои нав надорам, мазмуни тар надорам.
Афтодаам раҳораҳ аз пешпои қисмат,
Чашми бузург дорам, аммо назар надорам.
Озодият муборак, эй ҷони ношикебо,
Дар илми сабр кардан чун ту ҳунар надорам.
Як реза дил чи хоҳад аз бекарони офоқ,
Хулқи малак надорам, хӯи башар надорам.
Охир кучо тавон рафт бо кӯчаҳои чиркин,
Афсӯс, пар надорам, афсӯс, пар надорам.

Бигӯ, хуршед баргардад ба бомам,
Ба бӯи субҳ бигрезад зуломам.
Салом, эй ишқ, падруд, эй муҳаббат,
Ба самти туст падруду саломам.
Маро як қуллапаймо ҳам напаймуд,
Ҳаросид аз баландиҳои номам.
Дар ин деге, ки номаш зиндагонист,
Ҳама пухтанду як ман боз ҳомам.
Маро ин шаҳр то девонагӣ бурд,
Тамошое миёни издиҳомам.
Тилисми ишқ мехоҳад дили ман,
Кӣ меояд, ки андозад ба домам.
Чу шабкӯрам, ки чизеро набинам,
Агар маҳтоб ҳам бахшӣ ба шомам.
Агар мардӣ, ба ҷои ман ту бистон,
Зи қалби мурдаи худ интиқомам.

Баҳорро зи нишонии ту пазируфтам,
Чу ихтирои ҷавонии ту пазируфтам.
Хутути баргу гулу хоку сангу шабнамро
Чу номаҳои ниҳонии ту пазируфтам.
Тапидани ҳаяҷонро зи пушти пардаи гул
Чакомаи зарабонии ту пазируфтам.
Ба обшор ручӯ кардаму садояшро
Тариқи покбаёнии ту пазируфтам.
Қасам, ки ишқи туро мустақим ёфтаам.
На аз фалону фалонии ту пазируфтам.

Падруд, эй сабоҳати шабнам, салом шом,
Падруд, эй ки кардӣ падрудро салом.
Аз номи ман салом бар, урдибиҳишти ман,
Фардо ба лолаҳои афифи канори бом.
Эй рашки қулла, баҳри ғуруре, ки мекунӣ,
Як рӯз меравам, зи ту мегирам интиқом.
Ояндаро чи гуна раҳонам зи наҳси нанг,
Ҳоло, ки бар гузаштаи худ дорам эҳтиром.
Падруд фасли оина будан, маро бубахш,
Зеро сафои оина ҳам мешавад тамом.
Эй шеър, ту ғуруби маро мекунӣ тулӯъ,
Эй ишқ, ту ҳаёти маро медиҳӣ давом.

Паёпай гиря кардам, ханда кардам,
Ҳамин ҳастии ноарзанда кардам.
Ҳарири нозро аз тан кашидам,
Дили садпорaро дар жанда кардам.
Ба теғи ояташ ҷоду шикастам,
Дили паркандаро боланда кардам.
Ба ҷои «оҳ» чун Оллоҳ гуфтам,
Тилисми ҳосидонро канда кардам.
Гунаҳ кардӣ, ки бар ман дил надодӣ,
Гунаҳҳои туро парванда кардам.
Аҷаб дорам, ки ҳоло ҳам намурдӣ,
Ки тире аз камон афканда кардам.
Салом, эй шеър, эй пайки ҳамеша!
Туро ман қосиди оянда кардам.
Натарсидам, дубора ИШҚ гуфтам,
Ба имон мурдаамро зинда кардам.
Аҷал омад, ки ҷонамро ситонад,
Аҷалро куштаму шарманда кардам.

Саду як ғазал

Чу ҳамхокему ҳамгардун, чӣ мепурсӣ, куҷоиям,
Ба тан чун ту заминиям, ба ҷон чун ту самоиям.
Агар ту бехуду риндӣ, зи ман дарси ҷунун омӯз,
Агар, ки сӯфиӣ, ибрат пазир аз порсоиям.
Ба сустӣ меравам, чун ҳамраҳам як пиру як тифлест –
Яке ақли ҳавасбанду дигар рӯҳи ҳавоиям.
Баҳори ман бирафту тирамоҳам низ хоҳад рафт,
Ишорат мекунанд ин раҳравон бар бебақоиям.
Чу беасле лаб олояд, ки ман бегонабунёдам,
Зи шарёнам занад фарёд хуни ориёиям.
Аз ин хокистарони пошхӯрда гулхане хоҳам,
Дареғи ман, дареғи орзуҳои тилоиям.

Дар куфрзор гум шуда лаҳни намозиям,
Оташ наяфканад ба ҷаҳон худгудозиям.
Ман навтарин касам, ки зи оянда омадам,
Ё ёдгораи куҳан аз қарни мозиям.
Сад мӯҳраи ситора биёвехт осмон,
Охир фиреб дод бад-ин мӯҳрабозиям.
Бедард чун зиям, ки табиби дилам туӣ,
Маҳкум кун ба дард диламро, ки розиям.
Пурсӣ, чӣ хоҳӣ аз ману гӯям, ки ҳеч, ҳеч,
Бишнос эҳтиёҷи ман аз бениёзиям.
Боре зи гарданам расани ҷовидон бигир,
Эй вақт, мард бошу иҷозат бидеҳ, зиям.

Дилтанг шуд фаришта ҳам аз бечунуниям,
Шаҳре ба шӯр омад аз ин пурсукуниям.
Муллои бешарор ба набзам ниҳод даст,
Табларзааш гирифт аз ин сардхуниям.
Зан будани маро ба таҳи шубҳа мениҳад
Нодилбарию содагию бефусуниям.
Як пайкари ҳақираму як ҷавҳари мунир,
Ниме бузургиям ману ниме забуниям.
Оғозномае ба китобе навиштаам,
Хандед, раҳзанон, ба ману раҳнамуниям.
Ман ҷамъи ман баробари икс аст дар ҳисоб,
Сад файласуф хира шуд аз «зӯфунуниям».
Ояндаи азиз, диламро ба каф бинеҳ,
Ҳамрӯзгори тустам, оре, кунуниям.
Як рӯз куди қулфи диламро зи бар бикун,
Эй соҳиби ҳақиқии ганҷи даруниям.

Дубора сӯи ту боз омадам, салом, азизам,
Дубора замзамасоз омадам, салом, азизам.
Бубахш бемаҳалии ғуруби ғунчаи сурхам,
Ки субҳ, вақти намоз омадам, салом, азизам.
Барои Каъбарави нимараҳ, барои дили ту
Чу армугони Ҳиҷоз омадам, салом, азизам.
Ман асли мӯъҷиза будам, ки чашми ғайр даромад,
Кунун зи роҳи маҷоз омадам, салом, азизам.
Нигоҳи ман зи нигоҳи касе саломрасон аст,
Ба чашми чашмгудоз омадам, салом, азизам.
Чӣ гуна ноз фурӯшам, ки зери кафши замонам,
Бале, ба мотами ноз омадам, салом, азизам.
Агар, ки пардаи ҷонат ба ларзиш омада бошад,
Чу Зӯҳра парданавоз омадам, салом, азизам.
Бараҳна гаштаму дилро зи сина ҳай кардам,
Ба фош кардани роз омадам, салом, азизам.
Агар ба чашми ту зиштам, ба ҷои ҳусн пазир,
На чун бутони Тироз омадам, салом, азизам.
Ало набудаву норафтаву наомадаи ман,
Салом, сӯи ту боз омадам, салом, азизам.

Дуи дубора ба дунё салом мегӯям,
Ба офтобу ба дарё салом мегӯям.
Дилам чу ҳуҷҷати сурхи баҳор пеши шумост,
Ба мӯҳри он гули мино салом мегӯям.
Баҳортар зи баҳорам миёни чиллаи дай,
Ба ғунча-ғунча таманно салом мегӯям.
Ба эҳтироми нигоҳи ҳанӯз шаффофат
Ба субҳи оинаполо салом мегӯям.
Ғубори пастхами сифлагон бияфшондам,
Ба он баланду мубарро салом мегӯям.
Зи чашми наҳспазиро умеди хайрам нест,
Ба чашми нағзпазиро салом мегӯям.
Ба килки айб раҳи килки ғайб натвон баст,
Ба дасти кӯмаки боло салом мегӯям.
Бипурс тарҷумаи ишқро зи кафтарҳо,
Ба масҷиду ба калисо салом мегӯям.
Дусад алайки ту омад ба як саломи ман,
Ба лутфҳои Таъоло салом мегӯям.
Ба шодбоди ту, эй ваҳйи ҷовидонаи ишқ,
Ба зиндагиву ба фардо салом мегӯям.

Дидори нотасвири ту дар сарнавиштам шуд рақам,
Ҳафт осмон дур аз манӣ, эй н-омада ин як қадам.
Дилро насиҳат мекунам, осуда шав, эй тундчӯш,
Тақвимро кун эҳтиром, чун рӯди обонӣ, мадам.
Качрав агар ҳачрав шавад, як ном ӯро нав шавад,
Аз нав ҳаром ояд бурун, ғарчи дарояд дар ҳарам.
Гӯянд, эй бесабзчайб, ин сабзҳарфиҳо чаро,
Девонаӣ, девонагон ғарданд бе фикри дирам.
Беҳуда андар хокиён халлоқиятро чустаӣ,
Нашнохтӣ, нашнохтӣ боре самадро аз санам.
Баъд аз ҳазору як шикаст бояд зи сифр оғоз ёфт,
Ҳарчанд дар дил чаппа шуд сад орзуи мӯҳташам.
Обод гаштам ё табоҳ, оҳ, эй табиби чонпаноҳ,
Парҳези нав фармо маро, парҳез аз истеъмоли ғам.

Рӯзе даруни вожаи ишқ ошён кунам,
Яъне, ки ишқро зи ҳузурам ҷавон кунам.
Рӯзе баландтар равам аз чашмдори ту,
Оре, зи ишқи авҷрават нардбон кунам.
Бигзор зи панҷара, ки гули арғувон канӣ,
Дилро шинос, агар сухан аз арғувон кунам.
Бодам, ки ҳар дақиқа ба ҳар самт меравам.
Фармудаи Худой чӣ бошад, ҳамон кунам.
Эй бенишон, алайк бигӯ бар саломи ман,
Одреси худ навис, ки паёме равон кунам.
Эй беҳтарин баҳонаи будан, ҳамеша бош!
Дар сарҳади ҳаёт туро марзбон кунам.

Раҳам намо, ки зи доми ҷаҳон раҳониям,
Фақат ба туст умедам, ки метавониям.
Ман аз ту ҷоизаи беҳтарин пазируфтам,
Ки додаӣ зи азал партави ниҳониям.
Баҳорро набар, эй қосиди сабоҳатбахш,
Аз ин гули шафақовези осмониям.
Маро ба гул, ки бадомӯз кардаӣ, биштоб,
Агар набурдаӣ аз ёди худ нишониям.
Диғар раҳо нашав аз ҳалқаи рабоиши ман,
Ки ман даричаи бозе ба бекарониям.
Адӯ ба пастии тӯҳмат маро ҳавола кунад,
Ту нардбони баланди начот мониям.
Биҳил бикун, ки сипосат нагуфтаам, аммо
Дар иртифои сафо боз менишониям.
Гуноҳи ӯст, ки бар ман дусад гунаҳ бастаст,
Гуноҳи ман, ки сазовори бадгумониям.
Бимон, ҳамеша бимон, эй саодати улвӣ,
Фурӯғи ломутаноҳии зиндагониям.

Рехт бар хотираи ёсуманӣ субҳнамам,
Раст аз ҳошияҳо сурмаи чашми қаламам.
Буданам чист дар ин хомушии бечарақа,
Ҳастии гумшудаам, хандахариши адамам.
Чӣ заифона, чӣ гунгона, чӣ номардона
Сар фароварда ба ин бохтани дам ба дамам.
Бо чӣ нозам, ки дигар мояи нозам ҳам нест,
Бо чӣ фахрам? Бо сафолин шудани Ҷоми Ҷамам.
Гуфта будам, ба баҳорон нарасам, лек расид
Гули олуча ба табрики шикасти қасамам.
Охир, эй сурати рӯҳонии дар парда ниҳон,
Теғи ҷарроҳи ту бояд, ки барояд аламам.
Ишқ! Номи ту дигарбора барам ё набарам,
Зиндагӣ! Боз шамими ту шамам ё нашамам?!

Зи ҷаҳони пуршаётин биравам, дигар наёям,
Шунавам дуои ёсин, биравам, дигар наёям.
Бифишонда дасту доман ба нишоти сабз будан,
Ба тамоми мадҳу нафрин, биравам, дигар наёям.
Ба кучо, ки по намонам, биниҳад фалак тилисме,
Зи фиреби ин ҷалочин, биравам, дигар наёям.
Чу ба ҷони ташнаи ман нарасид пайки Фарҳод,
Биравам ба хоби ширин, биравам, дигар наёям.
Ба тулӯи субҳи минӯ, ба тавофи себи мамнӯъ,
Ба саломи ёсу насрин биравам, дигар наёям.
Зиҳӣ он дами ҳуҷаста, ки мани қафасшикаста,
Пури нағмаҳои нӯшин, биравам, дигар наёям.

Саду як ғазал

Шаст занам бар офтоб, нур шикор мекунам,
Бегила мезиям дигар, шукри баҳор мекунам.
Чист давоми буданам, бохтану рабуданам,
Кам шудану фузуданам, тарки шумор мекунам.
Чун қади пири кӯзпушт хам зада бому дар маро,
Чанди дигар ба каҳкашон гашту гузор мекунам.
Бо ҳама айб агар ҳанӯз бар ҳасади ту лоиқам,
Даст бидеҳ, рақиби ман, бо ту канор мекунам.
Ишқ, наё, наё, наё, ишқ, нарав, нарав, нарав,
Бо ту чӣ кор мекунам, бе ту чӣ кор мекунам.
Панҷараи мижа кушо, атсаи ёсуман шунав,
Мераваму нафас- нафас субҳ нисор мекунам.
Эй ту таваллуду завол, в-эй ту таназзулу камол,
Сӯи ту роҳ мебарам, в- аз ту фирор мекунам.

Азизи дур,ба номат кабӯтарона салом,
Зи боми нуқравари субҳ сад тарона салом.
Чу шаҳсавораи тақвими тундтоз шудам,
Ба дурдасти мунаввар, ба бекарона салом.
Ба баргу гул, ба чаман, бар рухи афифи баҳор
Зи номи шабнами дурдона дона-дона салом.
Аз ин диле, ки зи қайди дирам раҳоӣ ҷуст,
Ба офтоб - ба ганҷури сад хизона салом.
Намебарад суи ту нардбони аслу маҷоз,
Зи таҳтхона ба токи нӯҳошёна салом.
Ҳазор қофила падруд ҳам, ки бифристӣ,
Ҳазор қофила бар номат, эй ягона, салом.
Ба исми аъзами ту, эй муҳаббати сармад,
Аз ин гузаштаву оянда ҷовидона салом.

Ишқ марг аст ва ё фотиҳаи мелодам,
Мурдаму зинда шудам, гӯй муборакбодам.
Бар абас бар туйи бемеҳртарин таъна задам,
Ки чаро дӯст надориву накардӣ ёдам.
Худ сазовор набудам, ки маро ёд кунанд,
Ба муридӣ нарасидам, ки диҳанд иршодам.
Дили бахшандаи ман арзи иродат дорад
Ба ҳамон дида, ки нодида гирифт эродам.
Бетафовут нафишон даст ба ояндаи ишқ,
Марҳамат кун, бинамо бештар истибдодам.
Дигарон санг фиканданду ту як шохаи гул,
Ман на аз санг, ки аз зарбаи гул афтодам.
Лаззати ломутаноҳӣ ба ман аз ҳаҷр омад,
Хӯрдаам оби бақоро зи кафи ҷаллодам.
Ҳеч кас хубтар аз Ҳофизи шӯрида нагуфт:
«Ман аз он рӯз, ки дар банди туям, озодам».

Қасам ба номи баҳорон, ки ман аз они туям,
Чӣ теғ мезанӣ бар ҷони ман, ки ҷони туям.
Қасам ба ашки ситора, ки ман гули себам,
Чу шабнам о ба канорам, ки ошёни туям.
Чӣ меҳрҳо, ки ту кардӣ нисори бегона,
Ба ман ту хашм гирифтиву меҳрубони туям.
Ба ростӣ, ки ту гоҳи бадӣ шабеҳи манӣ,
Чунон ки ман гаҳи некӯиям ба сони туям.
Зи хокиён чу бадат мерасад, садоям кун,
Ки ман фариштаи танҳои осмони туям.
Ту охирин асари нур дар ғуруби манӣ,
Ман охирин нафаси сабз дар хазони туям.

Кош, аз фалсафаҳо барканаму сода шавам,
Яшти гул хонаму ҳамқисмати шаббода шавам.
Зиндагӣ шодии худро, ки дареғ аз ман дошт,
Ба пазируфтани ғамҳои вай омода шавам.
Буданам оинае буд, ки зангор гирифт,
Ку зудояндаи зангор, ки озода шавам.
Ҷода охир шуду ҷуз ҳеч дар анбонам нест,
Дер бошад, ки раҳомӯзи дигар ҷода шавам.
Ту ҳидоят бикун, эй дӯст, ки шокир гардам,
Баъд аз ин бӯсагузори рухи саҷҷода шавам.
Манам он қуфли дари роз, ки кудаш донӣ,
Ба ҳама баста шавам, баҳри ту бикшода шавам.

Куҷо донам, ки охир аз куҷоям,
Ту медонӣ маҳалли мубтадоям.
Мазан панҷа, ки ҳассос офаридӣ
Пиёнуям, гиторам, уду ноям.
Чаро як шаъшаа нурам надодӣ,
Зи обу гил сиришт мӯҳтавоям.
Худоҷон, бӯсамат аз дур, аз дур,
Чӣ бепосух нишинӣ бар чароям.
На аз тақвими гулҳои баҳорам,
Гули обонам, аммо дерпоям.
Чу Буддо зери нахле менишинам,
Зи қайди меҳру нафринҳо раҳоям.
Дар ин шаҳре, ки як сомеъ надорам,
Ба дунболи чӣ мегардад садоям.
Каломам шарқиву фикрам фарангӣ,
Ачибам, кӯҳнадӯзи навгароям.
Касе омад, паси дар по ба по зад,
Бигӯ охир лаби бемарҳабоям:
Бифармо, қосиди хуршедпайғом,
Чӣ овардӣ, чӣ овардӣ бароям.
Бифармо, зиндагӣ, эй пайки фардо,
Ба ташрифи ту дарро мекушоям.

Меравад ба номи ту номаи навирсолам,
Эй ба номи ту пайванд орзуву омолам.
Он азиз мепурсад: чандсолаӣ, эй дӯст,
Аз ҳама ҷавонам ман в-аз ҳама куҳансолам.
Пеши роҳи ман баста сад қатораи таъриф,
Сад ҳазор лаънат ҳам медавад зи дунболам.
Он табиби обу гил чораам намесозад
В-он табиби ҷону дил огаҳ аст аз ҳолам.
То зи ғайб нозил шуд як қалам ба дасти ман,
Бекалам бишуд хоно бар ҳама хату холам.
Шарҳи ин муамморо чун диҳам, ки ҳайронам,
Пеши халқ гӯёям, пеши ту фақат лолам.
Ҷамъу тарҳи ман нашмар, чунки ҳарду ҳамвазнанд,
Ҳар қадар, ки аз хокам, он қадар зи салсолам.

На дил ба фикри ман асту на ман ба ёди ваям,
Дигар зи ишқ намесӯзад устухони наям.
Ба хасм гӯ, ки мани рафта боз меоям,
Ҳазорбора, ки ҷорӯб мезанӣ зи паям.
Чу ишқ рафт, шаҳодат кӣ медиҳад дигар,
Ба ин ҳақиқати ботил, ки ман ҳанӯз ҳаям.
Ҳазор сол бихонӣ фақат муқаддимаам,
Ба як нигаҳ накунад чашми фотеҳи ту таям.
Ҳанӯз лолаякам монда зери теппаи барф,
Агарчи дар назарат беҳаёттар зи даям.

Ҳанӯз ҳастаму аз буданам аҷаб дорам,
Хушо, ки ҳастиву бар ҳастиям сабаб дорам.
Ба дом мондаам, аммо зи дард мерақсам,
Ба эҳтироми ту, эй зиндагӣ тараб дорам.
Ба офтоб руҷӯи дубора хоҳам кард,
Мане, ки решаи имон ба умқи шаб дорам.
Ба зери сояи обон, ки мева кард ғуруб,
Ҳанӯз ҳавсалаи чидани рутаб дорам.
Дигар ба маҷлиси сарди шумо намеоям,
Ба он хунукнафасон узр гӯ, ки таб дорам.
Биё, ба чашми шаболуди ман гузоре кун,
Ки ман ба чашми фурӯзонфари ту гап дорам.
Салом, ишқ, салом, эй ҷавонаи гандум,
Алайки сабзи туро аз Худо талаб дорам.

Ягонае чу ту дар ин дудар наёфтаам,
Муродифи ту касеро дигар наёфтаам.
Ҳазор кардаму роҳе ба қалби бастаи ту-
Ба он ҷазираи касногузар наёфтаам.
Ба чор сӯ бидавидам ба фатҳи рӯҳи авом,
Аз ин даводави ботил самар наёфтаам.
Ба шаҳри мо кӣ харад қанди порсиямро,
Ҳақо, ки муштариёни шакар наёфтаам.
Ниёзманди шакарҳои хокмоламро
Чӣ ҷои шаҳр, ки дар баҳру бар наёфтаам.
Маро ба ақрабаи соатам мусобиқаест,
Дар озмуни давидан зафар наёфтаам.
Тулӯъ ҳам, ки накардам, ғуруб ҳам накунам,
Ман аз тулӯъу ғурубам хабар наёфтаам.
Дигар зи чашми кӣ таҳмондаи нигаҳ ҷӯям,
Чу чашмҳои ту соҳибназар наёфтаам.
Шудам рафиқи раҳи ҳафт миллиард одам,
Вале нишоне аз он як нафар наёфтаам.

Омаданам рафтан аст, рафтани ман омадан,
Байни ману арш ҳаст кашмакаши тан ба тан.
Оқибатат бандагист, охиратат зиндагист,
Эй дили осӣ, накун ин ҳама бардорузан.
Ҷангкунон мерасем боз ба сарҳадди ҳеч,
Як мани қолабнишин бо мани қолабшикан.
Он тарафи панҷара ҳаст тапишҳои боғ,
Ҳаст тапишҳои дил, он тарафи пираҳан.
Панҷарараро боз кун бар тапиши сабзи боғ,
Фосила бисёр нест аз қафасат то чаман.
Гар на қабули туам, ҳоҷати андӯҳ нест,
Ишқ ба сар мебарад берун аз ин анҷуман.
Монда ба зери ғубор ёди маро ёди ту,
Сабз кунад дар канор ёди туро ёди ман.

Эй тундгард, пои ҳавасро пиёда кун,
Аз рӯзи охирини баҳор истифода кун.
Шодӣ кунад рақиб, ки роҳи ту хатм шуд,
Аммо ту боз нав шаву оғози ҷода кун.
Шармандаӣ, ки ишқ наварзидаӣ ҳанӯз,
Мардона бош, инаку, ҳиммат зиёда кун.
Чилшӯи чашмҳои чиҳилсола боядат,
Худро чу чашми нинии якрӯза сода кун.
Эй ҳаҷраве, ки Шомравӣ, рӯ ба субҳ нех,
Яъне сафар ба ин ҳарами нокушода кун.

Эй ишқ, баро аз вақт, тақвимдаронӣ кун,
Бемавсиму бетақвим сад қарн ҷавонӣ кун.
Шамсӣ куну маҳтобӣ тақвими ду чашматро,
Кулли санаро бар мо иди ҳамагонӣ кун.
Чун рутбаи маҷнунӣ бартар зи арастуист,
Бовар накунӣ, боре ташхиси равонӣ кун.
Бо шеваи ғамсӯзат, бо сӯзани дилдӯзат
Сад лахтаи қалбамро дарбеҳи ниҳонӣ кун.
Ҷабрилсифат пеш о, хуршедсулули ман,
Дилро, ки ба ту додам, ҳар чӣ битавонӣ, кун.

Ба бадеъият баҳорӣ, ба самимият чу борон,
Бишунидаам зи чашмат тапиши дили баҳорон.
Чӣ кунам, ки ҳеч кардан натавонам аз бароят,
Нашудам ягонаи ту, ки якеям аз ҳазорон.
Чу ба зарда мехурушанд касони тирамоҳӣ,
Ту чаратсаи баҳорӣ ба вуҷуди интизорон.
Ба ҳазор лолаистон биравам, туро наёбам,
Ки ту лолаофтобӣ ба фарози кӯҳсорон.
Зарабони ман шуморад фақат он табиби якто,
Ки ҷуз ӯ шаванд хаста ҳамаи тапишшуморон.
Мани гармҷӯшро ҳам бинишонд амри тақвим
Ба сафи фусурдадилҳо, ба қатори бешароронон.
Аҷал оядам, ки гирад, мани кӯҳнаро пазирад
Нафасе, ки кӯч бандам зи ҳарими ёди ёрон.

Бар лолаи танҳо, ки тапад дар қафаси ман,
Аз ғайб бидеҳ роиҳа, исонафаси ман.
Ларзид зи таҳрики ту, эй сабзтарин сабз,
Дар хобгаҳи сина дили беҳаваси ман.
Аҳсант ба хурдиву ҳақирӣ, ки тавонист
Фатҳи чу туе шабнами хуршедраси ман.
Бо воситаи туст, аё қосиди қудсӣ,
Бар сӯи ҳаёт омадани бозпаси ман.
Эй кош, барад фитрати мо раҳ ба тачаддуд,
Ин аст зи даргоҳи Худо мултамаси ман.
Гар рӯҳи башарро набарам ҷониби некӣ,
Ҳайф аст ҳамин ҳастии пучу абаси ман.
Ин қофиларо боз ба тавҳид бихонад
Аз дохили ҳар вожа садои ҷараси ман.

Пушти қафас чӣ мекунӣ, эй дил, фирор кун,
Имсол тарки шеваи перору пор кун.
Аз ифтихори холии ту сахт хастаам,
Беҳуда ифтихор накун, ибтикор кун.
Гуфтам ба хома, фикри фароғат чӣ мекунӣ,
Марг аст ин танаффуси бисёр, кор кун.
Вақте ки ханда зад гули баҳман, хазон шудӣ,
Ҳоло, ки хушк шуд гули обон, баҳор кун.
Яъне ки бар баҳор дигарбора даст деҳ,
Он дӯстии гумшударо барқарор кун.
Он ёр қоҳ-қоҳ занад дар ҷавоби оҳ,
Зону мазан, ҳақорати худро виқор кун.
Ёди варо, ки ёди туро ранҷ медиҳад,
Аз ёди босадоқати худ ихтисор кун.
Собуни барф доғи чаманро равондааст,
Собуни вақт, рӯҳи маро беғубор кун.
Вақте дубора ишқ биёяд, ки дил барад,
Розӣ нашав, ҳазор баҳона қатор кун.
Эй навтарину кӯҳнатарин - ҷовидонтарин,
Бори дигар биёву тавофи мазор кун.

Чун ба гиребони субҳ атр занад ёсуман,
Об шавад бесадо шамъи зумуррадлаган.
Мефитад аз осмон рӯйкаши шабнамӣ,
То напардад дергоҳ оҳари рӯи чаман.
Гоҳ чу чӯбори шаб, гаҳ гули гавҳар ба лаб,
Бонгзани хилватам, хомушаки анчуман.
Мебарадат зулфи ёр бар шаби торику тор,
Гесуи хуршед гир, бар шаву нӯҳ дар бизан.
Бо қалами офтоб нур кашам чон ба чон,
Чун гули печак наям нешзанон тан ба тан.
Талхвашам хондаӣ бехабар аз он ки ҳаст
Қанди хуши порсӣ дар лаби шаккаршикан.
Ҳарф садо медиҳад: Ишқ чавон шуд, чавон,
Ишқ сало мезанад: Ҳарф куҳан шуд, куҳан!
Оина девор шуд, оина бардор, шуд!
Чуфт шавад бесухан чони тую чони ман.

Раҳм кун, бод, ба пироҳани гул даст назан,
Каҷмакаҷ роҳ нарав, наъра зи бунбаст назан.
Шӯхии саҳл накун, бехабарак мебарадат,
Ту ба дарёи барангехтае шаст назан.
Гуфтиям, будани ту – нестии бемаънност,
Тӯҳмати хушк ба мазмуни тари ҳаст назан.
Осмонро ба таҳи кафш фишурдан хоҳӣ,
Ҳиммати кафши ту болост, чунин паст назан.
Ҷоми дил шуд пури хун, ҷом ба ҷомам назадӣ,
Сар бизан бо сари худ, бо мани сармаст назан.
Як такон мешиканад қалби булӯрини маро,
Раҳм кун, даст назан, даст назан, даст назан.

Шишаро ҷавҳар кашу оина кун,
Вирдро шамъи шаби одина кун.
Гавҳарона андаро дар дурҷи дил,
Ҳуққаи холии мо ганҷина кун.
Сабзханде зан чу субҳи фарвадин,
Рӯҳу раҳро навхату сабзина кун.
Гаҳ қадаҳ гиру қабо кун ҷомаро,
Гаҳ ба тан пироҳани мӯина кун.
Баъди сад соли фаромӯшӣ биё,
Пурсупоси дилбари дерина кун.
Мӯҳраи ашки маро тӯмор бар,
Чашмзахме аз ҳасуду кина кун.
Эй ки мехоҳи равӣ бар шаҳри ишқ,
Зери по ҳафт осмонро зина кун.

Садои ишқ! Давоми раҳам чароғон кун,
Маро фаришта кун, оре, маро ҳам инсон кун.
Биё ба чашми ғизолам, набераи Маҷнун,
Маро ба бар кашу хушбахт чун биёбон кун.
Куҷо равам, ки раҳо ёбам аз ҷаҳолати хасм,
Маро бигиру ба сандуқи сина пинҳон кун.
Чӣ шабнамона ба рӯи кафи ту меларзам,
Чу ман ҳақиқати шаффофи хеш урён кун.
Шумораи тилифуни маро зи борон пурс,
Зи пушти панҷараи сабзи ёд тилфон кун.
Агар ба дидани ман оӣ, эй масеҳнафас,
Ҳазор сӯзани хуршед дар гиребон кун.
Ту беҳ зи ман бишиносӣ тариқати рафтан,
Салоҳи туст, ҳар он чӣ ту хостӣ, он кун.

Қанд зан, себи шакархандаи ман,
Себи аз хулди барин кандаи ман.
Нест сақфе, ки туро овезам,
Эй ту, қандили дурахшандаи ман.
Бо ту меҷангаму мебандам сулҳ,
Аз ҳама нағзи ману гандаи ман.
Ромише дориву оромиш не,
Оҳ, оҳ, эй дилаки зиндаи ман.
Ваҳйи сабзӣ зи баҳори дуре,
Атри улвии парокандаи ман.
Ишқ, бахшо, ки тапиш дорад боз
Бе ту ҳам ин дили шармандаи ман
Мекунад рақси муноҷот ҳанӯз
Дили бар ишқ наарзандаи ман.
Баъди бигзаштани ман боз ҳам ӯст
Нав ба нав, нав ба нав ояндаи ман.

Кай маро барандозад санги лаънати душман,
Дӯст мекушад моро бо кулӯхе аз доман.
Озмудаам кам – кам зиндагиву макрашро,
Беҳаросам аз нафрин, меҳаросам аз аҳсан,
Бо ҳақоратам олуд нолаи заифона,
Мард бошу зӣ,эй дил, бедареғу бешеван.
Қавми ғафлатистонро пурс, чист таъми субҳ.
Ояд аз шабистонҳо қоҳ - қоҳи Аҳреман.
Субҳ марямистон аст, боғ шабнамистон аст,
Охир, эй шаболуда, субҳ шуд, кушо равзан.
Шаҳри соярӯшанҳо, дар туву бурун аз ту
Аз ҳама манам торик, аз ҳама манам рӯшан.
Ишқ, ишқ, бар ман гӯ ҳадди мумкину мамнӯъ,
Аз биҳишт нозил шуд себи зери пироҳан.
Он қадар дағал бархӯрд нози ман ба кибри ту,
Ёр, ёри сангиндил, ёр, ёри рӯинтан.
Нақшбанди обу ғил, кош, аз азал месохт
Ё само, маро чун ту, ё замин, туро чун ман.
Боз боядам рафтан бар саломи фардоҳо,
Як чароғ механдад дар ниҳояти барзан.

Марҷон шумурд, марҷон, борони субҳагардон
Дандон фишурд, дандон, борони шаддадандон.
Гилро вузӯи нав дод, гулро тулӯи нав дод,
Борони хандагирён, борони гиряхандон.
Чун сарнавишти борон афтодан аст бар хок,
Бар хотири ман омад рӯзи ҳубути инсон.
Инак, ҳазору як шаб дар як нафас сар омад,
Афсонаҳои мо ҳам поён гирифт, поён.
Дардо, ки нагзарад ишқ аз озмоиши васл,
Ҳаққо, ки бигзарад ишқ аз имтиҳони ҳичрон.
Чун мо равем, борон ҳак мекунад ба ҳасрат
Дар лавҳҳои мармар сенуқтаҳои армон...

Маро, эй шеър тармими дигар кун,
Ба чашмони Худо бар ман назар кун.
Дилам аз хона рафту пас наомад,
Бирав, бар хонааш ӯро хабар кун.
Ҷаҳон сиркост бо ин туршхӯй,
Ҳар он чи турш мегӯям, шакар кун.
Салом, эй зиндагӣ, эй ёри беаҳд,
Маро дилбастатар, дилбастатар кун.
Агар хоҳӣ ба шаҳри ишқ рафтан,
Ба чашми ман, ба чашми ман сафар кун.
Мачӯ ҷурмам, ки ҷурмам рашки ҳусн аст,
Ту ин оёти раббонӣ ба бар кун.
Ба қалби ман, ки чун мамнӯъгоҳ аст,
Иҷозатномаат додам, гузар кун.
Биё, эй шеър, эй овози Фардо!
Ба марги ман, ба марги ман зафар кун!

Саду як ғазал

Охир аз қайди гамам бар шуд дили озоди ту,
Офарин, эй беназири ман, ба истеъдоди ту.
Дар дилат гарди муҳаббат буду он ҳам пош хӯрд,
Бар тасаллият равам ё бар муборакбоди ту.
Ҳиммати кӯҳафкан аз ту хост ин арзанзамир,
Асли ноширини ман аз асли нофарҳоди ту.
Чанд соли зиндагиямро ба савдо мондаам,
То фаромӯшӣ харидам дар баҳои ёди ту.
Дил, дило, чун зистӣ, зеро ки аҳли оламанд
Бехабар аз марги ту, ноогаҳ аз милоди ту.
Эй дил, эй дил, ҳеҷ кас бар ҳарфи ту бовар накард,
Мӯҳр хоҳад, мӯҳри хуршедӣ хати иршоди ту.
Ҳолиё дарди тиҳӣ будан намедонӣ, ки чист,
Эй дил, эй гулдони пурхун, хуш ба ҳоли шоди ту.
Нола кам кун, бин, ки бо ноландагон гардун чӣ кард,
Мурдагон дар гӯр механданд бар фарёди ту.
Шеър чун мӯи фаришта бар нақоти ман шитоб,
Исии ман, осии ман, садқаи имдоди ту.

Эй дил, эй дил, то кайӣ ба худ адӯ,
Аз дуӣ бигзар, як ӯ бигзин, як ӯ.
Баски ларзон аст имонат ҳанӯз,
Лағж-лағжон меравӣ, эй ҳарзапӯ.
По фаро неҳ аз ҳади колову пул,
Ҳоларо охир раҳо кун, маҳ бичӯ.
Шабнамона уммати хуршед шав,
То намози ишқ хонӣ бевузӯ.
Нағз шуд аз вусъати фардо фаро,
Наҳс шуд дар поруи порин фурӯ.
Мурданам ҳам шӯри дилро кам накард,
Ояд аз гӯрам хурӯши ҳоюҳӯ.
Ёр, атри кибриё овардай,
Бояд аввал орӣ истеъдоди бӯ.
Ҷабраилӣ кун, ки полояндай,
Қалби ман мехоҳад аз ту ҳафтшӯ.
Ҳуҷҷати милоди нав додӣ маро,
Эй шуда сарлавҳаи сад орзу.

Бигӯ ҳеч, ҷуз ҳеч чизе нагӯ,
Ки мегирадат ҳар сухан аз гулӯ.
Чу ман абра гӯям, кунанд астараш,
Намоянд садборааш пушту рӯ.
Ба дилҳои тира асое назан,
Хатар дорад он кӯрараҳҳо, мапӯ.
Дили ман, ту ҳамҳаҷми як шабнамӣ,
Ба як чакра чирки ҷаҳонро машӯ.
Нашав чун гиёҳи салому алайк,
Ибо кун, сари роҳи ҳар кӣ нарӯ.
Начӯ нақши Исӣ зи кофаркада,
Гияҳмеҳрро дар биёбон начӯ.
Накӯӣ кунӣ баҳри ислоҳи хасм,
Адӯӣ кунад ӯ ба ислоҳи ту.
Ҷаҳон аз азал инчунин буду ҳаст,
Дило, дер шуд, бас кун ин ҳӯюҳӯ.
Зи ман дӯст мепурсад: эй лахти ҷон,
Кучо мебарӣ ин дили садруфӯ.
Бигӯям, дуъо деҳ, ки муршид туӣ,
Дили садруфӯ мебарам пеши ӯ.

Биё, фарёди ҷону дил зи байни обу гил бишнав,
Бурун аз обу гил ҳарфе, биё, эй ҷону дил, бишнав.
Агар оинаӣ, чашмобачашмат лол хоҳам монд,
Шабеҳи шона ову мӯ ба мӯ ҳарфи чигил бишнав.
Нигоҳам пеши ту чун тифл мантиқро намедонад,
Биё, узри нигоҳамро зи чашмони хиҷил бишнав.
Агар бо теғи мижгон омадӣ, хунам ҳалолат бод,
Каломи охирамро зери теғи ҷонгусил бишнав.
Надонистӣ, ки бар дил доданат сад бор меарзам,
Гуноҳи дил надоданро ба ту кардам биҳил, бишнав.

Биё, василаи дил бастанам ба дунё шав,
Муаллифи ҳама оғозҳои зебо шав.
Чу ишқро набувад мақтаву хулосаву хатм,
Беҳин муқаддимаи як ҷаҳон таманно шав.
Ба асри марги муҳаббат, ки офаридандат,
Дар ин ҷаҳони тунукмағзи мо ҳаюлло шав.
Бишӯй чанги қадими чаҳорхонаи дил,
Ту дастгоҳи навини ғуборполо шав.
Гули муҳаммадиям аз фироқ сад барг аст,
Шамими васлрасон, муждаи Масеҳо шав.
Дар ин фазо, ки шару фитна хушнумӯъ шуданд,
Насими куфрбарандозу наҳспиро шав.
Ба ҳамла пош бикун иттиҳоди аҳриманон,
Миёни пич-пичашон наъраи Аҳуро шав.
Умеди ҷумлаи офоқ як туӣ, як ту,
Ҳамеша дар лаби ман ҳам саломи фардо шав.

Эй расида аз фардо, то ту чун тавонам рафт,
Эй ҳанӯз нопайдо, то ту чун тавонам рафт.
Рӯди рострав будам, нағмасози нав будам,
Ман, ки бохтам маҷро, то ту чун тавонам рафт.
Рахт баст фарвардин бо таҷаллии насрин,
Охир эй ҳамин ҳоло, то ту чун тавонам рафт.
Ҳусни рафта мехонад хутбаи ғуруби ишқ,
Эй зи ҳусни ҳам зебо, то ту чун тавонам рафт.
Дарди ман дигар пир аст, чора сохтан дер аст,
Эй абераи Сино, то ту чун тавонам рафт.
Ҷои ҳастрату падруд рӯзи марг хоҳам гуфт,
Ассалом, эй Фардо, то ту чун тавонам рафт.

Эй дил, чӣ нолӣ дар ҳалқаи оҳ,
Боре нидо кун: алҳамдулиллоҳ.
Ғафлат чашидӣ аз себи дониш,
Боре чӣ дидӣ, эй ҷони огоҳ.
Донанд мардон таъми хиёнат,
Мо ҳам чашидем ин заҳри ҷонкоҳ.
Як марди ҳақҷӯ то худкушӣ рафт,
Н-омад зи ғайбаш астағфируллоҳ.
Эй масти охур, кам кун тафохур,
Бе дум бияфтӣ аз ҷоҳ то чоҳ.
Як лаҳзаам деҳ бар тавба кардан,
Як лаҳзаам деҳ, эй умри кӯтоҳ.
Чашмони сабзат берун баровард,
Мо, диляхонро аз гӯри даймоҳ.
Ин ҳамраҳонро бояд раҳо кард,
Як ту бимон, бас то охири роҳ.
Аз гунбади сурх ҳар зарбаи дил
Якзарб гӯяд : Аллоҳ, Аллоҳ.

Ишқ, эй муршиди ман, номаи иршодам деҳ,
Мурда ҳам бошам агар, ҳуҷҷати милодам деҳ.
Ёдат, эй ёр, раҳи фикри маро мебандад,
Муждаи бар шудан аз панҷаи ҷаллодам деҳ.
Охирин бор ба ман некии беҳамто кун,
Аз фаромӯшии худ шаммаяке ёдам деҳ.
Бидеҳ озодиям охир ба дили силсилабаланд,
Нав ба нав силсилаҳо бар дили озодам деҳ.
Аз ту бигрехтанам ҷониби ту рафтанҳост,
Ё маро соз ва ё баркану барбодам деҳ.

Монда дар сабадшоха нони ширмоли маҳ,
Субҳ рафту шом омад, дил намезанад чаҳ-чаҳ.
Ҷомае, ки монд аз мӯд, дар навӣ куҳан гардад,
Хуфта зери сандуқам орзуи таҳ бар таҳ.
Дил зи орзуварзӣ боз ҳам мураххас нест,
То даме, ки килки ғайб нуқта мениҳад дар раҳ.
Дар дарозии умрам аз ҳама луғоти даҳр
Бар забон наёвардам ҷуз ду вожаи кӯтаҳ.
Ҳар сулули хушбахтам ошиқона мегӯяд:
Ло- илоҳа иллаллаҳ, ло-илоҳа иллаллаҳ.

Зи ҳури субҳ меёбам рамузи покдомонӣ,
Вале чун тирашаб дорам ҳамоно хӯи шайтонӣ.
Туӣ он ҳозиру нозир, ки ҳар гоми качи моро,
Набудастиву мебинӣ, надидастиву медонӣ.
Мани нозуктар аз шабнам ба коми шаб нахоҳам шуд,
Фақат хуршедро шояд чунин нӯшоби ризвонӣ.
Надорам равзане, то муждаи гарми туро орад,
Ту хуршедиву бо кӣ сураҳои нур мехонӣ.
Дар он фасли шукуфтанҳо фиреби бод мехӯрдам,
Куҷоӣ, офтоби ман, дар ин рӯзони боронӣ.
Агар гӯям, ки пинҳонӣ, ҳамебинам, ки пайдоӣ,
Агар гӯям, ки пайдоӣ, ҳамебинам, ки пинҳонӣ.
Худои ман, ба кас некӣ кунам, наздик меоӣ,
В-агар бар душмании кас бикӯшам, дур мемонӣ.

Омаданам чӣ омадан, омаданест рафтанӣ,
Сӯи ту роҳ мебарам, қиблаи субҳу рӯшанӣ!
Ишқ чӣ кард бо дилам, нур шуд обаму гилам,
Дил ба хаёли тутуӣ гашт зи фикри манманӣ.
Панҷа мазан ба хори дил, ман зи дуруштиям хиҷил,
Нози ҳарир пахш шуд зери замони оҳанӣ.
Ман, ки салом гуфтаам бо лаби хушки меҳрмоҳ,
Бо чи табиате кунам ёсумануиву савсанӣ.
Гуфт яке, ки ҳеҷ мард нест ҷавобгӯи сидқ,
Тӯъмаи раҳзане шавӣ бо ҳама покдомонӣ.
Гуфтам, агар вафо кунам, бар худу бар Худо кунам,
Аз фалакам нидо кунад ошиқи ҷониву танӣ.
Паст, ки меравад касе, бояд аз ӯ баланд буд,
Некӯӣ аст ё сукут посухи ман ба душманӣ.
Ҳеҷ надонам, эй Худо, лаззати васлро, ки чист,
Пеш биё, ки бардарӣ пардаи моиву манӣ.

Оҳ, эй дарё, ки дар пои уфуқ сар мондай,
Бо ҳазор ожанги хоно тозаву тар мондай.
Рӯи авроқат дурахшад соядасти офтоб,
Дар кафи хоку гил имзои мунаввар мондай.
Сахт бадном аст ҳар тардомане, аммо на ту,
Қудсии мо, Марями мо, покгавҳар мондай.
То куҷо ҳамвор рафтӣ, эй азизи рострав,
Дар гулӯгоҳе ту ҳам монанди мо дармондай?
Таҳнишинии гуҳар дидему ҷавлонхези хас,
Мисли мардум рутбаҳоро нобаробар мондай.
Чанд шаб бурдам нигоҳамро ба меҳмонии ту,
Рӯи дастурхони бозат моҳу ахтар мондай.
Ҳамчу Мансури Аналҳақгӯ ба лабҳоят мудом
То қиёмат шеваи Аллоҳу Акбар мондай.

Алҳамду сано, эй субҳ, эй субҳи аҳуроӣ,
Зарроти маро пур кун аз нури мубарроӣ.
Бандам бикушо охир, роҳам бинамо охир,
Эй рӯҳи ту чодарзанон дар гунбади миноӣ.
Ин меҳани вайрона ҷавлонгаҳи чуғдон шуд,
Эй тоири ман, бигзашт фасли чаманороӣ.
Мифтоҳ, ки гум ғардид, дарро ҳама бишкастанд,
Бо даст, ки дар бастӣ, бо пой чӣ бикшоӣ.
Бар ваъдагаҳи маъшуқ оғуштаи гул рафтанд
Сабзиначавонҳое дар ғояти раъноӣ.
Ҷуз вожаи тоҷик ҳеҷ теғат зи ҷаҳон настурд
Эй кӯҳиву эй даштӣ, эй шаҳриву рустоӣ.
Хуршед, фурӯғат ку, ку фарри фаридунӣ,
Дарё нагамотат ку, ку яшти абастоӣ.
Дар панҷаи Аҳреман вомондаву мегӯям:
Алҳамду сано, эй субҳ, эй субҳи аҳуроӣ.

Эй дил, эй дил, чи орзу дорӣ,
Мурдиву боз ҳоюҳӯ дорӣ.
На ба толори нозанинон аст,
Гарди ҳусне, ки ҷустуҷӯ дорӣ.
Лаззати кофарӣ надонистӣ,
Хуш ба ҳолат, ки обрӯ дорӣ.
Аз бурун хандаи шакарсебӣ,
Аз дарун туршии лимӯ дорӣ.
Дили беишқи қавм мешӯӣ,
Ба Худо, кори мурдашӯ дорӣ.
Ба куҷо мебариву мерезӣ
Гиряҳое, ки дар гулӯ дорӣ.
Телефун мекунӣ ба қалби Худо
Ту, ки бо ғайб гуфтугӯ дорӣ.
Ноз- нозӣ, латифаи субҳӣ,
Бо шамими суман вузӯ дорӣ.
Гарчи ҷонон ба ҳеҷ нашмурдат,
Ин мабодат, ки сар фурӯ дорӣ.
Боз арзандаӣ ба дил будан,
Ки ба танҳоият вузӯ дорӣ.

Эй азизи оянда, ман равам, ту мемонӣ,
Пайки раҳкушоянда, ман равам, ту мемонӣ.
Гар зи кӯҳнагӣ рӯзе занг мезанад номам,
Зангро зудоянда, ман равам, ту мемонӣ.
Ман зи номи як сабза ё зи номи як себам
Пеши ту намоянда, ман равам, ту мемонӣ.
Пешванду пасвандам, рафтаи хушояндам,
Навбаҳори зоянда, ман равам, ту мемонӣ.
Чорбоғро пар зан, ҳаштбоғро дар зан,
Эй дили сароянда, ман равам, ту мемонӣ.
Субҳи шамсхирман шав, матлаи нави ман шав,
Ишқ, ишқи поянда, ман равам, ту мемонӣ.

Барф зад, олиҳаи субҳ, гуҳар дар гуҳарӣ,
Барф зад, отифаи боғ, шакар дар шакарӣ.
Дили ман панҷарае буд, ки дасте накушод,
Барф эй барф, чӣ кор оядат ин шишагарӣ.
Ман басе кӯҳна шудам, кӯҳнатар аз қалби ғуруб,
Ту ҳамоно навӣ, эй дӯст, саҳар дар саҳарӣ.
Аз дилат рафтаам он сон, ки паи поям нест,
Будани музҳики ман гум шуда аз беасарӣ.
Ба саломам бидиҳад ними алайкеву равад
Вақт – ин раҳгузари нимшиноси сафарӣ.
Ба шукуфтан савганд, омаданаш рафтан буд,
Давраи лолаиву наргисиву нилуфарӣ.
Баъд аз ин абр шудам, абртар аз абр шудам,
Ки на хуршедии ман монд дигар, на қамарӣ.
Гашт рӯшан, ки басе роҳи абас пӯидам
Ман, ки ҷустам малакиро зи ниҳоди башарӣ.
Номаҳои ғамам, эй вақт, ба унвонии туст,
Ихтиёри ту ба фардо, бибарӣ ё набарӣ.

Пушти қафас шукуфта як лолаи маҷозӣ,
Чашме биёру бингар ин лолаи ҳиҷозӣ.
Пеши ту ҳадя бурдам тақвими лолаи сурх,
Дигар варақ нагардон тақвимҳои мозӣ.
Дар ин хиёнатистон, дар баргрези имон
Бар марги хештан ҳам розӣ шудем, розӣ.
Эй ёр, гарчӣ гоҳе лағзидаӣ чапу рост,
Меҳроби меҳри ман бош, эй асли ту намозӣ.
Бе сакта кай тавонам пешат нафас кашидан,
Таҳрир кун, ки дорам кӯтоҳию дарозӣ.
Дар номаи дили ман чун соядасти Оллоҳ
Эй ишқ, ҷовидон бош, эй ишқ, доимо зӣ!

Ханда зан, эй гули ёқут, дар ин чиллаи дай,
Ба ҷаҳон ҷон бидаровар, ин туӣ нолаи най.
Аждари ҷаҳл шафақ хӯрду ҳама хомӯшанд,
Интизоранд, ки кай мекунад аждар қай.
То ҳақиқат қадаме ҳам наниҳодем, дареғ,
Ҳар қадар ҷамъ накардем сиву ду рагу пай.
Хез аз ҷову нигаҳ кун, ки саодат омад,
Хуфтае чашм набикшодаву мепурсад: кай?
Шайх дар гӯшаву девона миёни майдон
Ҳар ду хуш нағма бихонанд, ки лай, лай, лай, лай.

Чун ҷазираи бекас хӯ кунам ба хомӯшӣ,
Шӯҳратам ба побӯсат ояд, эй фаромӯшӣ.
Лаззатест танҳоӣ, лаззате, ки дарёбӣ,
Баъд аз он намехоҳӣ лаззати ҳамоғӯшӣ.
Чун фалак намехоҳам ҷомаи риё пӯшам,
Аз чунин қабои наҳс беҳ бувад кафанпӯшӣ.
Ниниёна мегиряд қалби сиву шашсола,
Дер шуд, ки оғозад фасли орзуҷӯшӣ.
Мекашад дили нозук мурдаи муҳаббатро,
З-ин вазифаи вазнин кай диҳӣ сабукдӯшӣ.
Гуфтиям: Намедонӣ таъми себи мамнӯӣ,
К-аз дукони шарбатҳо оби себ менӯшӣ.
Шаш ҷиҳат муханнас шуд зери чархи бадгавҳар,
Аз кӣ метавон ҷустан мардиву сиёвушӣ.

Дили беҳавсала, камзарфу тапишбохтаӣ,
Гунаҳат чист, ки таслиму сарандохтаӣ.
Ихтисори ту намуданд, аё баҳри дамон,
Ҳар қадар ҳам, ки зи соҳил ба бурун тохтаӣ.
Хасми бечавҳарат оина биёвард инъом,
Акси худ аз паси зангор набишнохтаӣ.
Моҳу хуршед ба ту нур намуданд ирсол,
Қарзҳоест ба дӯшат, ки напардохтаӣ.
Қуфл зад гӯши халоиқ, тапишатро нашунид,
Ҳама гӯянд, ки ту асл наӣ, сохтаӣ.
Тапиши тоза бикун, эй ба навозиш мӯҳтоҷ,
Дили абрешимӣ, абрешими нагдохтаӣ.
Посухи сӯзи туву ишқи ту хунсардӣ буд,
Хешро ин ҳама аз баҳри кӣ бигдохтаӣ.
Интизорам, хабар оранд, ки эй мурдатарин,
Нарм-нармак ба ҷаҳон ғулғула андохтаӣ.

Дили ман бори дигар дилбарона метапад ё не,
Дар ин нахли дусадсола ҷавона метапад ё не.
Чӣ оташҳо, ки дар ман буду боди зиндагӣ пуф кард,
Дар ин хокистари мурда забона метапад ё не.
Худоё, офтоби умри ман бар нимрӯз омад,
Кунун ёқути сурхам дар миёна метапад ё не.
Касе н-омад, ки дастам гираду то субҳ раҳ пӯяд,
Ба рафъи ин шаби ялдо фасона метапад ё не.
Намеой ба чашмонам, намедонам, намедонам,
Ки тасвират дар ин оинахона метапад ё не.
Биё аз тангно бар вусъати хуршедзори ман,
Дилат дар орзуи бекарона метапад ё не.

Салом, эй субҳ, эй пайки раҳоӣ,
Салом, эй ишқ, эй беинтиҳоӣ.
Чи рӯзоне, ки бар сар бурда будам
Пур аз талвосаи оӣ – наоӣ.
Зи пушти панҷара бар гӯшам омад
Муноҷоти сапеди рӯшноӣ.
Ба оғӯши афифат мегурезам
Аз ин ташвишҳои иҷтимоӣ.
Насозад хомаи машшота таҳрир
Рухамро дар салуни дилрабоӣ.
Чу набвад рангу бӯи кибриёӣ,
Чӣ ҷои рангу бӯи кимиёӣ.
Бишуд сад барг садбарги дили ман,
Ки мегӯӣ фақат ҳарфи ҳавоӣӣ.
Биханд, эй ҳарфҳоят, печ дар печ,
Ба ман – бар содагию якқабоӣ.
Биханд, эй дар тилисми худ гирифтор
Ба маъсумии фикри ибтидоӣ.
Ба ирфони ман инсонӣ – худоист,
Агар барҳақ ту инсонӣ – Худоӣ!
Биё, дасти саломат деҳ ба дастам,
Раҳе то ман кушо аз худгароӣ.
Ба рафтан, меравӣ, эй дӯст, падруд,
Вале бар омадан кай мебиёӣ.
Биё, мазмуни нуронии хуршед,
Фароям бар аз ин бемӯҳтавоӣ.

Гуноҳам сахт бисёр аст, мебахшӣ, намебахшӣ,
Ба дӯши нӯҳ фалак бор аст, мебахшӣ, намебахшӣ.
Дар ин боме, ки аз таҳрики фарвардин нашуд бедор,
Ҳамоно барфи перор аст, мебахшӣ, намебахшӣ.
Дилам бо он ки бо ҳар як гапиш Аллоҳ мегӯяд,
Гаҳе анбози куффор аст, мебахшӣ, намебахшӣ.
Касе баста, ки мехоҳад зи қайди обу гил бар шуд,
Дар ин ҳалқа гирифтор аст, мебахшӣ, намебахшӣ.
Ту фикри охират бахшо, ки ман дар фикри оғозам,
Вуҷудам орзузор аст, мебахшӣ, намебахшӣ.
Дар ин торе, ки мехоҳам муноҷоти ту бинвозам,
Ҳанӯз оҳанғи он ёр аст, мебахшӣ, намебахшӣ.
Ду қарн аз сар гузашту ҳарфи ман аз мӯд хориҷ шуд,
Каломам бехаридор аст, мебахшӣ, намебахшӣ.
Кушо фарҳанги сурхи дил, ки дар ҳар чор ҷилди ӯ,
Фақат як вожа такрор аст, мебахшӣ, намебахшӣ.
Дай омад, рафт ҳафт иқлим бар хоби зимистонӣ,
Ҳамин як ғунча бедор аст, мебахшӣ, намебахшӣ.

Мекунад лай-лай ғунчаи сурӣ,
Мекашад карнай дили шайпурӣ.
Метапӣ бе сабк, мезанӣ безавқ,
Дили роботӣ, дили дастурӣ.
Кас намедонад, ки туи танҳо
Бо кӣ ҳамсоя, бо кӣ ҳамнурӣ.
Аз дарун ғиря, аз бурун ханда,
Аз дарун лахта, аз бурун чӯрӣ.
Ту агар дурӣ, чи қадар хешӣ,
Чу қариб оӣ, чи қадар дурӣ.
Як нафас бошӣ саҳари солеҳ,
Нафаси дигар шаби дайҷурӣ.
Эй шакарнағма, бонамактар шав,
Шӯри ширинӣ, шакари шӯрӣ.
Ё накӯтар хон, ё бишав хомӯш,
Бо ҳамин ҳолат ба кӣ манзурӣ.
Аз Раю Рӯшон, аз Қуму Кошон,
Балки аз Балхӣ ё зи Лоҳурӣ.
Ман, ки бигзаштам, ту кӣй, эй дил,
Лолаи гӯрӣ, лолаи Турӣ?
Баъд аз ин ҳам зан дар ҳама барзан
Бонги озодӣ, табли масрурӣ!

Як таҷалло бизан, оинаи нишобурӣ,
То мубаддал бишавад девии мо бар ҳурӣ.
Дар бубастам, ки пур аз шаъшааи ёр шавам,
То ба гумномии ман рашк барад машҳурӣ.
Кофарие, ки накардам, аламам меояд,
Ки расидаст дигар марҳалаи кофурӣ.
Ҳасрати мавҷ задан дар дили мурдобам монд,
Буданам қолабию зиндагиям дастурӣ.
Баъд аз ин низ миёни ману ту хоҳад монд
Ҳама дурӣ, ҳама дурӣ, ҳама дурӣ, дурӣ...

Он ягонаи аслӣ аз раҳи маҷоз омад,
Шодиёна деҳ, эй дил: ишқ, ишқ боз омад.
Осмони нилучашм чашми меҳрубоне шуд,
Офтоби зарринмӯ арғунуннавоз омад.
Пушти синаам себе ногаҳон таконе хӯрд,
З-ин навозиши ширин сахт дар гудоз омад.
Рӯди нуқрагесӯ ҳам об дар даҳон мегашт,
Пирияш ҷавонӣ шуд, шӯхи нағмасоз омад.
Ин дили таконхӯрда аз вазидани андӯҳ
Борҳо нагун афтод, боз сарфароз омад.
Эй дили залили ман, пеши кас мабар ҳоҷат,
Арҷманди олам шуд он ки бениёз омад.
Бонг мезанад аттор дар саросари бозор:
Ғоза аз Фаранг омад, нофа аз Ҳиҷоз омад.
Бар фарангие гуфтам, қанди порсӣ дорӣ?
Гуфт, аз диёри ту сад вагон пиёз омад.
Гуфтамаш, чӣ ҳам гӯям, вақти ишқ гуфтан нест,
Чунки бар сари халқам чарх ҳуққабоз омад.
Мужда медиҳам охир: то ману ту лутфи дӯст
Чун бирешиму хуршед аз раҳи дароз омад.

ФАРЗОНА

САДУ ЯК ҒАЗАЛ

Муҳаррири ороиш *А.Исоев*
Муҳаррири техникӣ *К.Эгамбердиев*

БИ № 4307

Ба чоп 30.04.2011 имзо шуд. Андозаи 84Х108 1/32. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 6,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,0. Адади нашр 500. Супориши № . Нархи шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии "Ирфон" -и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17.

Китоб дар матбааи «З.Камолиддин» чоп шудааст.

ISBN 978-99947-0-334-0



«Ирфон»